**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-назди Донишгоҳи славянии Тоҷикистон ва Русия (суроғаи ш. Душанбе, 734000, кӯчаи М.Турсузода 30)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи унвонҷӯ Сафаров Зулфиқор Азаматович дар мавзуи "Ташаккулёбӣ ва рушди иқтидори инноватсионии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (дар мисоли муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ.**

Дар шароити муосир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи тиҷоратикунонии корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ аз тарафи МТОК хеле кам ба назар расида, ҳамкориҳои тарафайн бо корхонаҳои саноатӣ ҷиҳати гирифтани фармоишҳо амалан дида намешавад. Ҳамаи ин интихоби мавзуи рисоларо пешакӣ муайян карда, нокифоя кор карда баромадани он таҳқиқотро муайян намуд.

Дар баъзе адабиётҳои иқтисодӣ тахти инноватсия истифодабарии фоиданок (судманд)-и навовариҳоро дар шакли технологияҳои нав, навъҳои истеҳсолот ва хизматрасониҳо, ҳаллҳои ташкилию техникӣ ва иҷтимоию иқтисодии хусусияти истеҳсолӣ, молиявӣ, тиҷоратӣ, ва маъмурӣ мефаҳманд. Ба назари муаллиф, ҷонибдорони ин ақида ҳадафи асосии навовариҳоро яъне қонеъ гардонидани талаботи ҷомеаро ба назар намегиранд. Аз ақидаи онҳо метавонд чунин хулоса кард, ки ҳар гуна амалеро, ки фоида меорад, метавон инноватсия номид. Дар ин ҷо муаллиф ба хулосае омадааст, ки инноватсия - ин натиҷаи ниҳоии татбиқ ё ҷорисозии навгонӣ мебошад. Бо ибораи дигар ба назари мо инноватсия -ин навовариҳои татбиқшудае мебошад, ки афзоиши сифатии самараноки равандҳо ва маҳсулотҳои талаботи бозорӣ доштаро таъмин карда метавонад.

Аҳамияти илмии таҳқиқоти диссертатсионии мазкур аз он иборат аст, ки назарияҳои дар кори таҳқиқоти шаклгирифташуда заминаҳои муҳим оиди рушди иқтидори инноватсионии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ барои минбаъда муайян намудани рушди инноватсия дар МТОК мусоидат мекунад.

Ҳангоми баррасии мавзуъ муаллиф ба равияҳои консептуалӣ, ки дар монографияҳои илмӣ, маводи конференсияҳои илмӣ-амалӣ, ҳисоботи илмии марказҳои намоёни илмӣ баён гардидаанд, инчунин, ба қонунҳо, стратегияву барномаҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон такя намудааст.

Дар автореферати диссертатсия дар асоси баназаргирии фикру мулоҳизаҳои аксарият муҳаққиқон ва олимони соҳа муайян шудааст, ки дар ҳақиқат новобаста аз таъсири омилҳои беруна аксар вақт самаранокӣ ва вазъи рушди фаъолияти инноватсонӣ, инфрасохторҳои инноватсионӣ дар МТОК аз муҳит ва фазои инноватсионии худи

муассиса сарчашма мегирад ва натиҷаҳои мусбӣ аз он низ ба муҳити дохилии муассиса вобастагии калон дорад.

Муаллиф чунин ақида дорад, ки тайи даҳсолаи охир ҷиҳати рушд додани фаъолияти инноватсионӣ ва таҳкими иқтидори инноватсионӣ дар МТОК-и ҷумҳурӣ таъсиси инфрасохтори инноватсионии густаришёфта талаб карда мешавад, ки яке аз қисмҳои таркибии он пойгоҳи техникию технологӣ ба шумор меравад.

Таҳлили иҷрои барномаҳои самти инноватсия нишон доданд, ки тайи даҳсолаи охир (2011-2021) ҳаҷми хароҷоҳо ба соҳаи илм вобаста ба ҳаҷми ММД дар ҷумҳурӣ на он қадар афзоиш ёфтааст (саҳ. 21).

Дар маҷмуъ автореферати Сафаров З. А. дар мавзуи хеле мубрам анҷом дода шудааст ва ба талаботҳои муосире, ки нисбат ба корҳои диссертатсионӣ эълон мегардад, ҷавобгӯ мебошад.

Дар баробари муваффақиятҳо дар автреферат камбудиҳои ҷузъӣ низ ба назар мерасанд, ки баъзеи онро мо номбар мекунем:

- Дар қисмати назариявии кори диссертатсионӣ муаллиф аз назарияҳои олимони хориҷиву ватанӣ истифода кардааст, аммо фикри муаллиф кам ба назар мерасад;
- Баъзе хулосаҳои муаллиф хислати умуминазариявӣ дошта, хуб мешуд он андешаҳо бо мисолҳо мушаххас тасдиқ карда мешуданд.

Камбуди ва норасоие, ки дар боло зикр гашт, моҳияти назариявӣ ва амалии диссертатсияи мазкурро кам намекунад. Дар маҷмуъ автореферати мазкур таҳқиқоти ба анҷом расида маҳсуб шуда, дорои ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии нави проблемаи таҳқиқшаванда мебошад. Аз ин рӯ, чунин меҳисобем, ки кори пешниҳоднамудаи Сафаров Зулфиқори Азаматович дар асоси талаботҳои илмӣ –назариявӣ ва амалияи муосир анҷом ёфтааст, бинобар ин мо муаллифи онро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ сазовор медонем.

**Муқарриз:**

Сардори раёсати илм ва инноватсияи ДДМИТ
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Мирзоева Е.Ш.

Суроға: 734067, ш. Душанбе, кӯч Нахимов 64/14
Почтаи электронӣ: Evgeniya-2385@mail.ru
Тел: +992 985-02-22-24

Дурустии имзои н.и.и., дотсент
Е.Ш. Мирзоева-ро тасдиқ менамоям:

Сардори шуъбаи кадрҳо ва
корҳои махсуси ДДМИТ, н.и.ҳ. Шарипов У.А.

ШУЪБАИ КАДРҲО ОТДЕЛ КАДРОВ